## Меъёри бозтамвил 0,25 банди фоизӣ баланд бардошта шуд

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №27 аз 22 октябри соли 2021 ҷиҳати 0,25 банди фоизӣ баланд кардани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 13,25 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилӣ ва берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд. Мақсад аз қабули қарори мазкур дар давраи миёнамуҳлат бозгардонидани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он мебошад.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.*** Дар давоми 9 моҳи соли ҷорӣ барқароршавии босуръати рушди иқтисодиёти ҷаҳон, тамоюли пастшавии сатҳи бекорӣ, рушди тиҷорати байналхалқӣ ва идомаёбии пешбурди сиёсати дастгирии иқтисодии пулию қарзӣ аз ҷониби кишварҳои тараққикарда ба номувозинатии маҷмӯи талаботу таклифоти ҷаҳонӣ мусоидат намуда, боиси афзоиш ёфтани фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон гардид.

Афзоиши омилҳои таваррумии ҷаҳонӣ дар навбати худ ба сатҳи нархи молҳои воридотии кишвар таъсири манфӣ расонида, ба ноустувории сатҳи нархҳо ва интизориҳои таваррумии аҳолӣ таъсири бевоситаи худро расонида истодааст. Аз ин лиҳоз, омилҳое, ки бештар ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, асосан хусусияти ғайримонетарӣ дошта, аз ҳисоби таконҳои берунӣ – болоравии нархҳои ҷаҳонии молҳои хӯрокворӣ ва сӯзишворӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, дар соли ҷорӣ афзоиши даромаднокии аҳолӣ ва талаботи маҷмӯии онҳо, инчунин барқароршавии босуръати иқтисодиёти кишвар (рушди воқеии иқтисодиёт 8,9 фоиз) ва омилҳои мавсимӣ ба ноустувории сатҳи нархҳо таъсири худро расониданд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ 5,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,8 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 5,8 фоиз ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 9,0 фоиз ба амал омад.

Ба ин раванд асосан афзоиши нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла маҳсулоти гӯштӣ, равғани рустанӣ, сабзӣ, шакар ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин нархи маводи сӯзишворӣ мусоидат намуд.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Интизор меравад, ки дар соли ҷорӣ сатҳи таваррум бо назардошти эффекти базавӣ (моҳҳои октябр-ноябри соли 2020 – 3,6%) ва афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ дар мавсими тирамоҳ наздик ба ҳудуди болоии ҳадафи муқарраргардидаи таваррум ҷамъбаст хоҳад гардид.

Тибқи таҳлил ва арзёбии созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявию иҷтимоӣ дар соли 2022 низ эҳтимолияти идома ёфтани пайомадҳои манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) бинобар таҳдиди зуҳуроти штамҳои нави он аз эҳтимолият дур нест. Илова бар ин, номуайяниҳо ва ноустувориҳо дар бозорҳои молиявӣ ва фазои иқтисодиёти ҷаҳон, афзоиши хароҷотҳо ва қарзҳои давлатӣ, болоравии сатҳи нархи маҳсулоти хӯроквори ва сӯзишворӣ вобаста ба номувозин гардидани таносуби талаботу таклифот, номуайянӣ дар вазъи геосиёсии минтақа ва таҳримҳои иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд.

Маврид ба зикр аст, ки авҷгирии пандемияи коронавирус (COVID-19) дар соли 2020 ва таназзули соҳаҳои туризм, хизматрасониҳои маишӣ ва нақлиётӣ, аз фаъолият бозмондани бештари корхонаҳои истеҳсолӣ ва маҳдудият дар ҳамлу нақли молу маҳсулот сохтори иқтисодиёти ҷаҳонро куллан дигар намуда, мувозинати талаботу таклифотро дар ҷаҳон тағйир дод. Аз ин лиҳоз, дар солҳои 2021 ва 2022 идомаёбии барқароршавии иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла тадриҷан боз гардидани марзҳои кишварҳо, рушд ёфтани соҳаи туризм, хизматрасонӣ ва нақлиёт маҷмӯи талаботро босуръат зиёд намуда, ба номувозинатии тамоми соҳаҳо, бахусус маҷмӯи талаботу таклифот таъсири манфӣ хоҳад расонид. Барзиёдии маҷмӯи талабот нисбати таклифот дар навбати худ сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла нархи маҳсулоти хӯрокквориро дар давраи кӯтоҳмуддат зиёд менамояд.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо назардошти омилҳои болозикр, бахусус беҳтар гардидани вазъ ва дурнамои иқтисодиёти ҷаҳон, боқӣ мондани фишорҳои таваррумӣ, эҳтимолияти болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ва баланд будани интизориҳои таваррумии аҳолии кишвар аз ҷониби аъзои Кумита пешниҳод гардид, ки меъёри бозтамвил ба андозаи 0,25 банди фоизӣ аз санаи 25 октябри соли 2021 баланд карда шуда, дар сатҳи 13,25 фоизи солона муқаррар карда шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири хавфҳои эҳтимолии таваррумӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт, минбаъд низ татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро тавассути истифодаи фишангҳои таъсирбахши худ, аз ҷумла меъёри бозтамвил ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат идома хоҳад дод.